آواز تاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бандӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

15 апрели соли 2026
Чоршанбе
№ 30 (15249)



e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


## КОРҲОИ АНҶОМДОДА ВА ВАЗИФАҲОИ АФЗАЛИЯТНОК ДАР СОҲАИ СОХТМОНИ МАНЗИЛ ВА ШАҲРСОЗӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

***14 апрел таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев аз рўйи корҳое, ки дар соҳаи сохтмони манзил ва шаҳрсозӣ (урбанизатсия) амалӣ мегарданд, мушкилоти мавҷуда ва вазифаҳои афзалиятноки минбаъда ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ тавассути иртиботи видеоӣ аз студияҳои маҳаллӣ зиёда аз 500 нафар соҳибкорон, бинокорон, лоиҳакашон, меъморон ва шаҳрсозон иштирок намуданд.

Сарвари давлат таъкид кард, ки дар ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди рушди иқтисодӣ дар ҳамаи соҳа ва минтақаҳо соҳаи сохтмон нақши муҳим дорад. Мувофиқи таҳлилҳо, ҳар 1 доллари ба сохтмон сарфшуда барои иқтисодиёт 2–3 доллар фоида меорад, инчунин як ҷойи коре, ки дар ин соҳа таъсис меёбад, барои пайдо шудани то 5 ҷойи кори дигар дар соҳаҳои вобаста хидмат мекунад.

Дар нўҳ соли охир дар мамлакат қариб 10 ҳазор корхонаи нави сохтмонӣ фаъолият оғоз намуд. 20 ширкат бо гардиши зиёда аз 1 триллион сўм ва 365 ширкати калон бо гардиши зиёда аз 100 миллиард сўм таъсис ёфтанд. Шумораи ташкилотҳои лоиҳакашӣ аз 2 ҳазор гузашта, беш аз 650 адади онҳо сертификати байналмилалӣ гирифтаанд.

Дар ҳамин давра марҳилаҳои иҷозатдиҳӣ дар соҳаи сохтмон 3 баробар ва муҳлатҳо 4 баробар кўтоҳ карда шуданд. 420 меъёр ва қоидаҳои шаҳрсозӣ ба ҳам оварда шуда, меъёрҳои кўҳна бекор ва 140 меъёру қоидаи нав тасдиқ гардиданд.

Дар натиҷа, тўли солҳои охир 210 миллион метри мураббаъ бино-иншоот, инчунин зиёда аз 15 ҳазор бинои бисёрошёнаи дорои 647 ҳазор хонадон сохта шуд. Ҳаҷми корҳои сохтмонӣ аз 30 триллион сўм дар соли 2016 ба 314 триллион сўм дар соли гузашта расид. Имрўз дар соҳаи сохтмон, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва соҳаҳои вобаста 3,5 миллион нафар аҳолӣ машғули кор мебошанд.

Таъкид шуд, ҳар сол барои соҳибкорӣ 6,5 ҳазор гектар замин ва 600 ҳазор метри мураббаъ иншоот ба савдо бароварда мешавад, инчунин барои тиҷорати хурду миёна 140 триллион сўм маблағ ҷудо мегардад. Бо вуҷуди ҳалли масъалаҳои асосӣ, чун замин ва кредит, соҳибкорон ҳанўз дар марҳилаи оғози сохтмон ба монеаҳои гуногун рў ба рў мешаванд ва ин равандҳо моҳу солҳо тўл мекашанд.

Дар ҷамъомад ба масъалаи шаҳрсозӣ диққати махсус дода шуд. Алҳол шумораи аҳолии кишвар аз 38 миллион нафар гузашта, сатҳи урбанизатсия ба 51 фоиз расидааст ва қариб 20 миллион нафар дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд. Сарвари давлат таъкид намуд, ки ба ҳар 1 фоиз афзудани сатҳи шаҳрсозӣ барои иқтисодиёт на камтар аз 1 фоиз рушди иловагӣ меорад, инчунин ҷараёни сармоягузорӣ, фаъолиятҳои тиҷоратӣ ва стартапҳо ва самарадории меҳнат мутаносибан меафзоянд. Аз ин рў, зарурати мавҷудияти равиши ягона ҷиҳати рушди устувори урбанизатсия дар ҷумҳурӣ таъкид карда шуд.

Зикр гардид, ки ҳар сол барои таҳияи нақшаҳои генералӣ аз буҷет 200-250 миллиард сўм ҷудо карда мешавад. Ин маблағҳо, пеш аз ҳама, бояд ба минтақаҳое равона шаванд, ки нақшаи генералӣ надоранд ё он кўҳна шудааст. Ҳамзамон, дар шаҳрҳои хурд ва шаҳракҳо низ соҳибкороне зиёданд, ки мехоҳанд лоиҳаҳои бузургро амалӣ намоянд, аммо бинобар набудани ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ кори онҳо мутаваққиф мемонад.

Ба ҳокимони вилоятҳо ва Кумитаи шаҳрсозӣ супориш шуд, ки соли ҷорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ таҳияи нақшаҳои генералии 6 шаҳр ва 44 шаҳрак, инчунин мастер-нақшаҳои 104 деҳаро ба анҷом расонда, ғайр аз ин, якҷо бо соҳибкорони ташаббускор таҳияи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ барои боз 50 маҳалли аҳолинишинро оғоз намоянд.

Дар ҷамъомад гуфта шуд, ки соли 2025 бинобар набудани нақшаҳои генералӣ аз 112 ҳазор ариза барои хусусигардонии замин 14 фоизаш рад карда шудааст ва ин боиси аз даст рафтани имконияти ба дороӣ табдил додани 4 ҳазор гектар замин ва ҳамчунин бой додани 550 миллиард сўм даромади иловагӣ ба буҷет гардидааст. Дар робита ба ин, вазифа гузошта шуд, ки дар муҳлати се моҳ низоме роҳандозӣ гардад, ки дар он ба аризаҳо оид ба хусусигардонии замин бидуни омили инсонӣ, дар давоми 5–10 дақиқа ба таври онлайн ҷавоб дода шавад.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки набояд танҳо бо тасдиқи нақшаҳои генералӣ маҳдуд шуд. Дар онҳо кай, дар кадом навбат ва аз ҳисоби кадом манбаъҳо бунёди шабакаҳои обрасонӣ, партовоб, гармидиҳӣ, газ, барқ ва роҳҳо ба таври дақиқ нишон дода нашудаанд, ки ин мавриди танқид қарор гирифт. Гуфта шуд, ки барои ҳар як нақшаи генералии тасдиқшуда бояд барномаҳои мукаммали солона оид ба татбиқсозӣ таҳия гардида, он ба аҳолӣ, соҳибкорон ва масъулон расонида шаванд.

Аз ин рў, ба ҳокимони ҳар як вилоят супориш шуд, ки дар муҳлати ду моҳ барномаҳои маҷмўиро барои татбиқи нақшаҳои генералии тасдиқшудаи марказҳои вилоят ва ноҳияҳо таҳия кунанд. Дар онҳо бояд дақиқ муайян карда шавад, ки кадом қисми чорабиниҳо аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва кадом қисм аз ҳисоби созмонҳои байналмилалии молиявӣ маблағгузорӣ мегардад.

Ҳамчунин дар соҳаи ҷалби замин ва объектҳо ба фаъолияти иқтисодӣ камбудиҳои ҷиддӣ қайд гардиданд. Аз 11,5 ҳазор гектар замине, ки дар чор соли охир тавассути музояда фурўхта шудааст, дар 3 ҳазор гектар сохтмон оғоз нашудааст. Инчунин зикр шуд, ки 582 гектар қитъаҳои замин ва 122 объекти давлатӣ, ки ба музояда гузошта шудаанд, дар давоми як сол фурўхта нашудаанд.

Аз нуқтаи назари танқидӣ зикр гардид, ки ҳам дар ташаккули барномаи хусусигардонӣ ва ҳам дар фурўши объектҳо нақши ҳокимон эҳсос намешавад, инчунин нуқтаи назари соҳибкорон омўхта намешавад. Қайд гардид, ки ҳангоми фурўши ҳар як объект, пеш аз ҳама бояд ба минтақа сармоя ҷалб карда, дар маҳалла ҷойҳои нави корӣ созмон дода шаванд.

Дар робита ба ин қарор қабул шуд, ки ҳокимон баробари Агентии идораи дороиҳои давлатӣ барои ворид намудани объектҳо ба барномаи хусусигардонӣ, фурўши онҳо ва таъмини самаранокии сармоягузорӣ масъул хоҳанд буд. Илова бар ин, амалияи ҳисоб кардани 14 фоиз аз бақияи маблағ барои объектҳое, ки бо шарти пардохти қисм-қисм фурўхта мешаванд, бекор карда мешавад.


(Давомаш дар саҳ.2).


*Ҷараёни кори заводи гидрометаллургияи 3-юми тобеи идораи кони шимолӣ ҳамкории пайгиронаи табиат ва ақлу идроки инсонро ёдрас менамояд.*

*Яке аз зинаҳои муҳимтарини ин ҷараён сехи майдакунии маъдан аст, ки корпуси асосии завод маҳсуб мешавад.*

*Дар сехи мазкур, ки дар вилояти Навоӣ фаъолият дорад, 15 осиё-барабани бузург маъданҳои дуруштро ба ҳолати рег меоваранд.*

*Солҳои 2008-2009 барои ҷамоаи сехи маъданмайдакунӣ давраи санҷиш буд. Дар ин солҳо корҳои мутобиқсозии блокҳои осиё ба азнавкоркарди рудаи сулфид анҷом дода шуданд.*

*Моҳи июни соли 2024 илова ба 7 блок 8 блоки осиёи шардор ба истифода супурда шуд. Дар натиҷа ҳаҷми массаи азнавкоркарди кони кўҳӣ ба 20 фоиз зиёд гардид. Азнавкоркарди сарватҳои табиии кишварамон, ки дар ин корхона ба туфайли саъю кўшиш ва меҳнати инсонҳои заҳматписанд даст медиҳад, ба некуаҳволии халқ хидмат мекунад.*

***Дар акс:** дар заводи гидрометаллургияи 3-юми тобеи идораи кони шимолӣ.*

***Аксбардор: С. АСЛОНОВ (ЎзА).***



## БА УНВОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ АЗ ПРЕЗИДЕНТИ ҚАЗОҚИСТОН ҚОСИМ-ҶОМАРТ ТОҚАЕВ НОМА ДАСТРАС ШУД:

**Ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ҷаноби Олӣ Шавкат Мирзиёев**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Ба шумо барои меҳмоннавозии хосса ва самимияте, ки зимни сафари корӣ ба шаҳри бостонии Бухоро, ки дурдонаи на танҳо Осиёи Марказӣ, балки тамоми тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад, нисбати ман зоҳир намудед, аз таҳти дил сипосгузорӣ менамоям.

Ўзбекистон ин сарвати бебаҳоро ҳифз намуда, ғанӣ мегардонад ва гузаштаи бузургро бо ниёзҳои муосир ҳамоҳанг месозад, ки ин маро ба ҳайрат овард. Симои нотакрори кунунии Бухоро дар худ самарабахшии бузурги сиёсати оқилона ва созандаи Шуморо дар роҳи бунёди Ўзбекистони Нав баръало таҷассум менамояд.

Сафар, ки пур аз чорабиниҳои бодиққат тарҳрезишуда буд, бешубҳа, самарабахш гардид. Ба назари ман, музокироти якрўза дар Бухоро аз ҷиҳати натиҷаҳои сиёсии дарозмуҳлат аз сафари расмӣ камӣ надорад.

Мулоқоти мо барои таҳкими минбаъдаи равобити бисёрҷанбаи Қазоқистон ва Ўзбекистон уфуқҳои нав боз намуд ва барои мазмуни нав касб намудани ҳамкориҳои стратегии байнидавлатӣ хидмат хоҳад кард.

Пас аз бозгашт ба Остона, ҷиҳати татбиқсозии тавофуқоте, ки ба даст омаданд ва тасдиқ шуданд, инчунин бобати ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи муфиди мамлакати Шумо дар бахшҳои гуногун, дастурҳои мушаххас додам. Ба ташаббуси муштараки «Ҳавои тоза» аҳамияти махсус медиҳам.

Боварии комил дорам, ки иҷрои босифати вазифаҳое, ки мо ба миён гузоштем, барои ба сатҳи сифатан нав баровардани шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Қазоқистон ва Ўзбекистон хидмат мекунад.

Барои тақдими маводи бойгоние, ки барои Қазоқистон аҳамияти бузурги фарҳангӣ ва таърихӣ доранд, миннатдории хоса баён менамоям. Ин иқдом аз фароҳдилӣ, муносибати гарми Шумо ба мардуми қазоқ ва эътирофи шоистаи таърихи кишварҳои бародари мо гувоҳӣ медиҳад.

Муҳтарам Шавкат Миромонович! Ба Шумо ва аҳли оилаатон аз таҳти дил саломатӣ ва бахту саодат, инчунин дар роҳи бунёди Ўзбекистони Нав, ки дўсти абадӣ, ҳампаймон ва шарики стратегии Қазоқистон мебошад, муваффақиятҳои нав орзу менамоям.

Бо эҳтиром,

**Қосим-Ҷомарт ТОҚАЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон.**

## ВАЗЪИ КОР ДАР БАХШИ НАФТУ ГАЗ БАРРАСӢ ГАРДИД

***Ба Президент Шавкат Мирзиёев оид ба чораҳое, ки бобати таъмини нишондиҳандаҳои устувори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани самаранокии молиявию иқтисодӣ дар соҳаи нафту газ татбиқ мегарданд, ҳисобот пешниҳод гардид.***

Натиҷаҳои фаъолияти низоми ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекнефтегаз» дар семоҳаи аввал, вазифаҳои асосӣ барои семоҳаи дуюм, инчунин динамикаи истеҳсол ва нишондиҳандаҳои молиявӣ баррасӣ шуданд.

Чорабиниҳо оид ба устувор нигоҳ доштани ҳаҷми истихроҷ, ҷуброни талафоти мавҷуда, ба кор андохтан ва таъмири чоҳҳо ва дигар пай дар пай идома доранд. Ҳамзамон, корҳои оптимизатсияи хароҷот, кам кардани қарзҳои дебиторӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва такмили механизмҳои бозорӣ дар баъзе самтҳо идома доранд.

Ба баланд бардоштани самаранокии чоҳҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар раванди истихроҷ диққати махсус дода шуд. Қайд гардид, ки як қатор қарорҳои технологӣ дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои байналмилалӣ омўхта шуда, марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани онҳо дар амал пешбинӣ мегардад.

Ҳамчунин дар бораи корҳои густариши ҷустуҷў ва иктишофи геологӣ, муайян кардани қитъаҳои нави умедбахш ва азхудкунии онҳо ҳисобот дода шуд.

Аз ҷумла, барои васеъ намудани миқёси корҳои сейсморазведкаи 2D ва 3D, оғози корҳои пармакунӣ дар қитъаҳои нав, ташкили барномаҳои пармакунӣ мутобиқи талаботи байналмилалӣ, инчунин такмили минбаъдаи равандҳои супервизинг, моделсозии геологию гидродинамикӣ ва лоиҳакашӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Қайд гардид, ки дар соли ҷорӣ аллакай дар як қатор конҳои нав корҳо оғоз гардида, дар оянда васеъ намудани онҳо ба нақша гирифта шудааст.

Аҳамияти ҷалби таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар кор бо захираҳои душвористихроҷшаванда, пармакунии чоҳҳои чуқур ва мураккаб дар доираи барномаҳои миёнамўҳлат таъкид гардид.

Роҳбари давлат оид ба таъмини устувории истеҳсолот, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили мунтазами корҳои иктишофӣ, пармакунӣ ва таъмир, инчунин таҳкими интизоми молиявӣ дар соҳаи нафту газ дастурҳои мушаххас дод.

**ЎзА.**

***Вилояти Сурхондарё бо шароити мусоиди иқлим ва заминҳои ҳосилхезаш имрўз ба яке аз минтақаҳои пешсафи кишвар дар соҳаи кишоварзӣ табдил ёфтааст. Маҳз ҳамин имкониятҳо даст додаанд, ки дар вилоят аз майдонҳои кишт соле 3-4 маротиба ҳосил гирифта шавад.***

## КИШОВАРЗӢ БА МАРҲИЛАИ НАВ ВОРИД ШУД

Таҷрибаи кишти такрории сурхондарёиён зимни сафари Президент низ махсус таъкид гардид ва вазифа гузошта шуд, ки он дар сартосари ҷумҳурӣ васеъ ҷорӣ карда шавад.

Дар маҳаллаи Гулистони ноҳияи Ҷарқўрғон 777 хоҷагӣ мавҷуд буда, тақрибан 90 фоизи онҳо ба картошкапарварӣ машғуланд. Имрўз дар 100 гектар замини наздиҳавлӣ картошка мавриди парвариш қарор гирифтааст. Деҳқонони соҳибтаҷриба муваффақ шудаанд, ки аз заминҳои наздиҳавлӣ дар як сол то чор маротиба ҳосил ба даст оранд. Ин нишондиҳанда аз истифодаи пурсамари замин ва заҳмати кишоварзон дар ноҳия дарак медиҳад.

Соли ҷорӣ ҷамъоварии ҳосили картошка дар вилоят аз аввали моҳи феврал оғоз ёфта буд. Баъди холӣ гардидани заминҳо кишти такрорӣ ба роҳ монда шуд. Айни замон картошка ба марҳилаи гулкунӣ ворид шудааст.

Картошка ҳамчун зироати асосии маҳалла мавқеи хосса дорад. Дар доираи низоми кишти навбатӣ, деҳқонон зироати дигар, аз ҷумла, сирпиёз ва чормағзи заминиро парвариш намудаанд.

Ин усул барои нигоҳ доштани ҳосилхезии хок ва пешгирии харобшавии замин аҳамияти калон дорад.

Таҷрибаи маҳаллаи Гулистон дар самти истифодаи оқилонаи замини наздиҳавлӣ, гирифтани 3-4 ҳосил дар муддати кўтоҳ ва афзоиши даромади аҳолӣ намунаи ибрат мебошад. Модели мазкур метавонад дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим бозад.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

## ҶАВОҲИР СИНДОРОВ ПЕШ АЗ МУҲЛАТ ҒОЛИБИ МУСОБИҚАИ НОМЗАДҲО ГАРДИД!

***Дар даври 13-уми Мусобиқаи номзадҳо, ки дар Кипр ба поён мерасад, Ҷавоҳир Синдоров, ки бо муҳраҳои сиёҳ бозӣ мекард, дар даври сездаҳум бо рақиби асосии худ – Аниш Гирии ҳолландӣ мусовӣ кард ва пеш аз муҳлат ғолиби мусобиқа шуд.***

Ин ба он маънost, ки Ҷавоҳир Синдоров ҳуқуқи мубориза барои тоҷи шоҳмотро дар муқобили чемпиони феълии ҷаҳон Гукеш Доммараҷу ба даст овардааст.

Ин комёбии Ҷавоҳир, инчунин нишондиҳанда ва рекордҳои барҷастае, ки дар Мусобиқаи номзадҳо ба даст овард, бори дигар ба ҷаҳониён нишон дод, ки иқтидори зеҳнии ҷавонони мамлакати мо дар симои шоҳмоти ўзбек то чӣ андоза баланд аст.

Бо вуҷуди он ки даври 14-уми ниҳоии Мусобиқаи номзадҳо ҳанўз дар пеш аст, муваффақияти пеш аз муҳлати Ҷавоҳир як воқеияти таърихиест, ки ҳамчун дастоварди муҳим, пирўзии ақлу тафаккури мардуми мо дар саҳнаи байналмилалӣ шоистаи эътироф мебошад.

**Тўлқин РЎЗИЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

## СОХТМОНИ ЗАМОНАВӢ

***Дар ноҳияи Чуст саноати сохтмони замонавӣ рушд меёбад ва ҳоло як лоиҳаи бузурги саноатӣ амалӣ мешавад.***

Ин лоиҳа барои иқтисоди маҳаллӣ ва саноати сохтмон аҳамияти калон дорад. Лоиҳа, ки 53,5 миллион доллар арзиш дорад, аз ҷониби корхонаи «Eko bazalt» амалӣ карда мешавад. Мақсади асосии он ба роҳ мондани истеҳсоли пахтаи минералии базалт ва сэндвич-панелҳои кассетӣ мебошад, ки дар сохтмони замонавӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Фаъолияти корхона барои афзоиши иқтидори саноатии ноҳия, таъмини шуғли аҳолӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ хизмат хоҳад кард.

Лоиҳа дар афзоиши минбаъдаи иқтидори саноатии ноҳия аҳамияти калон дорад. Ба кор андохтани корхонаҳои калонҳаҷми истеҳсолӣ арзиши маҳсулотро дар бозори маҳаллӣ коҳиш медиҳад, воридотро иваз мекунад ва имкониятҳои навро барои соҳибкорони хурду миёна фароҳам меорад.

Дар айни замон технологияи замонавӣ барои коҳиш додани таъсири зараровар ба муҳити зист хизмат мекунанд. Ин на танҳо барои рушди иқтисодӣ, балки барои суботи иҷтимоӣ низ роҳ мекушояд.

Айни замон корҳои сохтмон дар минтақаи лоиҳа бо суръати баланд идома доранд. Биноҳои истеҳсолӣ сохта мешаванд. Таҷҳизоти муосири технологӣ насб карда, шабакаҳои муҳандисӣ ва коммуникатсионӣ ташкил карда мешаванд. Пас аз татбиқи пурраи лоиҳа корхона иқтидори истеҳсолии 50 ҳазор тонна пахтаи базалти минералӣ дар як сол хоҳад дошт.

Панелҳои сэндвичи кассетӣ низ истеҳсол карда мешаванд. Ин маҳсулот гармидиҳии биноҳоро таъмин мекунанд. Онҳо самаранокии энергияро афзоиш медиҳанд ва ба сифати сохтмон таъсири мусбат мерасонанд.

Пахтаи базалити минералӣ маводи экологии тоза, ба оташ тобовар ва дар сохтмони муосир хеле серталаб аст. Он дар биноҳои истиқоматӣ, иншооти зерсохторӣ васеъ истифода мешавад.

Бо ба кор андохтани корхонаи нав саҳми маҳсулоти маҳаллӣ афзоиш хоҳад ёфт. Дар айни замон он масолеҳи изолятсионии аз хориҷа воридшударо иваз мекунад. Ин ба сарфаи асъори хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозор мусоидат мекунад.

Лоиҳа инчунин таъсиси 190 ҷойи нави кориро пешбинӣ мекунад. Ин дар таъмини шуғли аҳолии маҳаллӣ афзоиши даромади онҳо ва тақвияти суботи иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Дар баробари коргарон, муҳандисон ва техник, технолог ва мутахассисоне, ки метавонанд бо технологияи замонавӣ кор кунанд, низ ҷалб карда мешаванд.

Рушди саноат ва сармоягузорӣ дар минтақа, инчунин густариши бахшҳои логистика ва таъминот низ аз ҷумлаи натиҷаҳои лоиҳа мебошанд. Ин имкониятҳои нав барои тиҷорати хурду миёна фароҳам меорад, ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагони маҳаллиро тақвият медиҳад ва муколамаро дар иқтисодиёт густариш медиҳад.

Дар ин лоиҳа ширкати нидерландии «Arona International B.V» ҳамчун шарики хориҷӣ иштирок мекунад. Барои таъмини технология бо ширкати итолиёвии «Gamma Meccanica» шартномаи 50 миллион доллар ба имзо расидааст. Корҳои амалӣ марҳила ба марҳила анҷом дода мешаванд.

Ин лоиҳа барои таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа ва афзоиши даромади аҳолӣ хизмат хоҳад кард.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# КОРҲОИ АНҶОМДОДА ВА ВАЗИФАҲОИ АФЗАЛИЯТНОК ДАР СОҲАИ СОХТМОНИ МАНЗИЛ ВА ШАҲРСОЗӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар ҷамъомад масъалаи соддасозии расмиёти додани иҷозатномаҳо дар соҳаи сохтмон баррасӣ гардид. Қайд шуд, ки соли гузашта беш аз сеяки зиёда аз 2,6 миллион дархостҳои марбут ба сохтмон рад карда шудаанд ва дар бисёр ҳолатҳо сабабҳои он фасод ва монеаҳои бюрократӣ мебошанд. Роҳбари давлат таъкид намуд, ки роҳи самараноки ҳалли чунин мушкилот рақамикунонӣ ва васеъ ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ мебошад.

Дар низоми амалкунанда аҳолӣ ва соҳибкорон аввал барои гирифтани иҷозат ба лоиҳакашӣ ва баъдан барои таҳияи супориши меъморию шаҳрсозӣ алоҳида муроҷиат намуда, моҳҳо вақт сарф мекунанд. Дар шаҳри Тошканд таҷрибаи пешниҳоди ин ду хизматрасонӣ дар як марҳила ҷорӣ гардида, дар натиҷа вақти мувофиқаи ҳуҷҷатҳо 3–4 маротиба коҳиш ёфтааст. Супориш дода шуд, ки аз 1 июл ин таҷриба дар ҳамаи минтақаҳо ҷорӣ карда шавад.

Ҳангоми гирифтани шартҳои техникӣ барои пайвастшавӣ ба шабакаҳои коммуналӣ низ шаҳрвандон маҷбур мешаванд ба ҳар як идора алоҳида муроҷиат кунанд. Аз 1 июл имкони гирифтани чунин шартҳо барои шабакаҳои барқ, газ, обтаъминкунӣ ва канализатсия дар асоси як дархост ва як пардохт ҷорӣ карда мешавад.

Ҳамчунин яке аз сабабҳои таъхирҳо набудани ҳамоҳангӣ ва ҳамкории байни 26 идорае, ки ба ҳайати шӯрои шаҳрсозӣ дар маҳалҳо дохил мешаванд, арзёбӣ гардид. Дар ин замина қарор қабул шуд, ки минбаъд шӯрои шаҳрсозиро худи ҳокимони шаҳри Тошканд ва вилоятҳо роҳбарӣ мекунанд ва низоми қабули қарорҳои ниҳоӣ барои ҳалли масъалаҳои соҳибкорон ҷорӣ мегардад.

Ба масъулон супориш дода шуд, ки дар муҳлати се моҳ тамоми марҳилаҳо — аз гирифтани иҷозат барои сохтмон то ба истифода додани объектро амиқ таҳлил намуда, лоиҳаи қарорро барои ҳадди ақал ду баробар кам кардани талабот, муҳлатҳо ва пардохтҳо пешниҳод намоянд.

Ҳамчунин масъалаҳои сифати сохтмон ва назорат ба таври танқидӣ баррасӣ гардиданд. Соли гузашта дар объектҳои сохтмон аз ҷониби назоратчиёни ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва фармоишгарон 42 ҳазор камбудӣ ошкор шудааст, инчунин аз ҷониби инспексияи сохтмон беш аз 250 ҳазор қонуншиканӣ муайян гардидааст. Қайд карда шуд, ки яке аз сабабҳои ин ҳолат паст будани сатҳи манфиатдории лоиҳакашон ва фармоишгарон дар амалисозии назорати муаллифӣ ва техникӣ мебошад.

Дар ин робита, аз 1 июни соли ҷорӣ фаъолияти фармоишгарони давлатӣ пурра дар асоси нишондиҳандаҳои KPI арзёбӣ мегардад ва маоши кормандони онҳо се баробар зиёд карда мешавад. Барои таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ то 5 фоизи арзиши объект пардохт карда мешавад, инчунин назорати муаллифӣ дар асоси шартномаи алоҳида маблағгузорӣ мегардад. Ҳамзамон, дар ҳолати ошкор шудани қонуншиканиҳои ҷиддӣ дар объектҳо, ки барои онҳо хизматрасониҳои назорати техникӣ ё муаллифӣ масъуланд, чораҳои қатъӣ на танҳо нисбат ба пудратчӣ, балки нисбат ба назоратчиён низ андешида мешаванд ва рейтинги лоиҳакаш дар низоми «Шаффоф қурилиш» паст карда мешавад.

Дар ҷамъомад инчунин ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ки бо иштироки ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ амалӣ мешаванд, таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Айни замон дар ин самт лоиҳаҳо ба маблағи зиёда аз 20 миллиард доллар татбиқ мешаванд. Он чиз зери тозиёнаи танқид гирифта шуд, ки шахсони масъул ва фармоишгарон дар симои вазорату идораҳо имкониятҳои ширкатҳои ватаниро дар музокирот бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба таври кофӣ пешбарӣ намекунанд, ҳангоми муайян кардани шартҳои шартнома манфиатҳои онҳоро ба назар намегиранд, инчунин оид ба фаҳмондани шартҳои иштирок дар тендерҳои байналмилалӣ корҳои бонизом роҳандозӣ намекунанд.

Таъкид гардид, ки таъмини аҳолӣ бо манзил бояд ҳамеша дар маркази диққат қарор дошта бошад. Дар солҳои охир ба инфрасохтори 56 мавзеи «Ӯзбекистони Нав» 4 триллиону 100 миллиард сӯм равона гардидааст ва дар соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки барои ин мақсад боз 1 триллиону 400 миллиард сӯм ҷудо карда шавад.

Қайд шуд, ки дар соли ҷорӣ шахсони масъул ва ҳокимон уҳдадоранд, ки ба истифода додани 34 ҳазор манзилро дар мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав» ба анҷом расонанд. Муқаррар гардид, ки васеъ намудани чунин мавзеъҳо танҳо баъд аз он иҷозат дода мешавад, ки на камтар аз 85 фоизи манзилҳо ба соҳибонашон супорида шаванд.

Ҳамчунин зикр гардид, ки дар маҷмӯъ дар соли ҷорӣ дар минтақаҳо бояд хонаҳои истиқоматӣ ба ҳаҷми 140 ҳазор манзил ба истифода дода шаванд. Дар баробари ин, бояд ба масъалаи реноватсия диққати махсус дода шавад.

Дар ҷамъомад ба масъалаи омодасозии кадрҳо барои соҳа ва рушди муҳити эҷодӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Супориш дода шуд, ки дар шаҳри Тошканд аввалин боғи креативӣ барои меъморон, лоиҳакашон ва мутахассисони соҳаи урбанистика таъсис дода шавад ва дар оянда чунин боғҳо дар минтақаҳо низ ташкил гарданд. Илова бар ин, аз соли таҳсили оянда ба роҳ мондани муассисаи таҳсилоти олии худмаблағгузор, ки мутахассисонро дар соҳаҳои урбанизатсия, кадастр ва геодезия омода мекунад, ба нақша гирифта шудааст. Дар сохтори он инчунин техникум барои тайёр кардани мутахассисони зинаи миёна таъсис дода мешавад.

Дар анҷоми ҷамъомад Президенти кишвар ҳисоботи роҳбарони соҳа ва минтақаҳо, инчунин пешниҳод ва ташаббусҳои соҳибкорони фаъолро, ки дар соҳаи сохтмон кор мекунанд, шунид.

**ЎзА.**

***ФАЪОЛИЯТИ ИТТИҲОД***

# ҲАФТАВОРИ МЕДИА ДАР МАМЛАКАТ

Омӯзонидани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти сохтори судӣ ба журналистони ҷавон, ки соҳаҳои судиву ҳуқуқиро инъикос мекунанд, инчунин ташаккул додани малакаҳои дастрас ва холисона пешниҳоди ҷараёнҳои судӣ, имрӯз яке аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад.

Бо ҳамкории Шӯрои олии судяҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Академияи доварии одилона ва Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияҳои оммавии Ӯзбекистон курси таълимии «Журналистикаи судӣ» роҳандозӣ гардид.

Дар маросими ифтитоҳи ин курс намояндагони Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон низ иштирок карданд. Дар доираи лоиҳа машғулотҳо аз ҷониби рӯзноманигорони шинохта, олимони ҳуқуқшинос ва судяҳои соҳибтаҷриба баргузор гардида, барои журналистони ҷавон аҳамияти калон касб кард.

Намояндагони Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон ҳамчунин бо фаъолияти шабакаҳои телевизион ва радиои вилояти Сирдарё шинос шуданд. Дар он оид ба вазифаҳои муҳими пешорӯи журналистон ва имкониятҳое, ки барои онҳо фароҳаманд, мубодилаи афкор суръат гирифт. Масъалаҳои дастгирии эҷодкорони ҷавон ва татбиқи лоиҳаҳои нав барои такмили маҳорати касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

## ВАКИЛОНИ МЕДИАИ ПОЙТАХТ ДАР МАСКАНИ МУҚАДДАС

Бо ташаббуси Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон ва Кумитаи сайёҳии ҷумҳурӣ барои як гурӯҳ намояндагони ВАО ва нашрҳои интернет ба маҷмаи Имом Бухорӣ воқеъ дар ноҳияи Пайариқ, ки бо ташаббуси Президентамон аз нав бунёд гардид, пресс-тур ташкил карда шуд.

Иштирокдорон нахуст аз мақбара-маҷмааи Амир Темур дар шаҳри Самарқанд дидан карданд. Онҳо баробари зиёрат ҷиҳати ҳаёту фаъолияти саркардаи бузург ва арбоби давлат Амир Темур маълумоти бештар гирифтанд.

Сипас вакилони ВАО ба ноҳияи Пайариқ сафар карданд ва мақбараи муҳаддиси бузург Имом Бухориро тамошо карданд.

– Дидани чунин бунёдкориҳои бузург дар ин зиёратгоҳи муқаддас дар дили инсон ҳисси ифтихор ва шукргузориро бедор мекунад, – мегӯяд иҷрокунандаи вазифаи ҷонишини раиси Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон К. Тӯлиев.

## ИКДОМИ ҲАФТАВОР ДАР ҲУДУДҲО

Медиаҳафтавор бевосита ба ҳамоҳангсозии фаъолияти журналистон ва баланд бардоштани самаранокии кори онҳо дар ҳудудҳо равона гардид. Аз ҷумла, дар ҷамъомади навбатии шуъбаҳои иттиҳодияи журналистон дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон Шуҳрат Орипов иштирок намуд. Фаъолияти шуъбаҳо дар солҳои 2021-2025 сарҳисоб гашт, ҳисоботҳои комиссияи тафтиш шунида шуд, таркиби нав ва раису аъзои комиссия интихоб ва ба Конфронси навбатии Иттиҳоди журналистон намояндагон интихоб гардиданд. Ба аъзои нави иттиҳод гувоҳномаи узвият супурда шуд.

## МАЙДОНҲОИ НАВИ МУЛОҚОТ БАРОИ ЖУРНАЛИСТОН

Имрӯз муттаҳидӣ ва истифода аз имкониятҳо, дарёфти ҳалли муаммо ва баланд бардоштани фаъолияти ВАО талаби замон маҳсуб меёбад. Бо назардошти ин гуна эҳтиёҷот аз ҷониби иттиҳод ташкил карда шудани «Клуби мулоқот» иқдоми саривақтӣ арзёбӣ мешавад.

Дар вохӯрӣ таклифҳое муҳокима гардиданд, ки аз ҷониби иттиҳод таҳти ҳамдастӣ бо коршиносон корбаст шуда, ба рушди соҳаи медиа нигаронда шудаанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# РОҲИ ФОРИШ

## ШОҲРОҲИ ЗИНДАГӢ Ё МАСИРИ ФОҶИА?

***Дар мавзӯи муҳим***




***Роҳи Фориш. Ин ибора миёни ронандагону мусофироне, ки дар масири шаҳри Ҷиззаху ноҳияи Нурато пайваста ҳаракат мекунанд, дар ҳадде «маъруф» аст, ки баробари шунидан як чизро пеши назар меоранд: роҳи фарсуда, хароб ва барои ҳаракат хатарнок...***

***Ҳатто шунидани ин ибора дар дили баъзеҳо хотираҳои талху мудҳишро бедор сохта табъашонро хира менамояд. Зеро маҳз дар ҳамин роҳи автомобилии дорои аҳамияти давлатии D048 (шаҳри Ҷиззах – шаҳри Боғдон – деҳаи Қизилча – роҳи автомобилгарди D191), ки қаблан 4Р-36 ном дошт, солҳои охир даҳҳо садамаи нақлиётӣ рух додаанд, садҳо нафар пиру ҷавон ҷароҳат бардоштаву даҳҳои дигар ҷон бохтаанд.***

Аз ин рӯ, онҳое, ки то ҳол дар ин масир ҳаракат накардаанд, вале нияти боздид аз деҳаҳои зебоманзари қаторкӯҳҳои Нурато доранд, хуб мешуд, пеш аз сафар вазъи мошини худро бодиққат санҷанд, чархи эҳтиётиро бо худ гиранд, қуттии тиббиро аз назар гузаронанд ва барои ҳар эҳтимол ягон доруи асаб ва фишорбаландиро ҳам дар ҷайб андозанд. Зеро дар қисми асосии роҳи Фориш, ки аз баромадгоҳи ин ноҳия то ҳудуди вилояти Навоӣ тӯл кашидааст, бо амал ба шиори «эй сорбон, оҳиста рон!», танҳо бо суръати 30-40 километр дар як соат ҳаракат кардан мумкин аст. Агар камтар суръат баланд шавад ё ронанда андак бепарвоӣ намояд, мошин ё ба «яма» меафтад, ё ки аз роҳ берун мешавад, ё ин ки бо мошини дигар «лаб ба лаб» мезанад. Ин на ташбеҳ асту на муболиға – воқеияти ҳаррӯзаи ин роҳ аст. Беҳуда нест, ки мардуми маҳаллӣ онро гоҳе «роҳи хунхӯр» низ меноманд ва бо алам мегӯянд: «дар ҳар садамаи ин роҳ ағлаб ҷони касе аз даст меравад...»

### Дар фармон ҳаст, аммо...

Воқеан, ҳамарӯза дар ин роҳ садҳо воситаи нақлиёт ҳаракат мекунанд. Чунки қисми зиёди аҳолии деҳаҳои қаторкӯҳ барои хариди маҳсулоти рӯзгор, муоинаи тиббӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ба маркази ноҳияи Фориш ва шаҳри Ҷиззах мераванд. Ғайр аз ин, наздиктарин нуқтаи фурӯши сӯзишвории гази метану пропан низ дар ин ноҳия аст. Аз ҳамин сабаб, ронандагони кӯҳпоя маҷбуранд, барои хариди сӯзишворӣ ин роҳи пурхатарро, ки барои «роҳи автомобилгард» гуфтан забон намепечад, вақту бевақт тай намоянд.

Дар ҳамин маврид таъкиди як нукта бамаврид аст. Солҳои охир дар мамлакат бобати беҳтар намудани инфрасохтори роҳҳо чорабиниҳои судманд ва ислоҳоти густурда амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, дар чанд соли охир барои сохтмон ва таъмири роҳҳо беш аз 61 триллион сӯм маблағ ҷудо карда шуд, ки ин нисбат ба маблағҳои пеш аз соли 2017 қариб 3,5 баробар зиёд мебошад. Илова бар ин, дар ду соли охир беш аз 40 ҳазор километр роҳҳо ва қариб 600 кӯпрук таъмир гардид. Як қатор роҳҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ, давлатӣ ва маҳаллӣ мутобиқи меъёрҳои ҷаҳонӣ тарҳи замонавӣ гирифтанд. Вале сад афсӯс, ки натиҷаи чунин бунёдкориҳо дар масири роҳи «шаҳри Ҷиззах – шаҳри Боғдон – деҳаи Қизилча – роҳи автомобилгарди D191» ҳанӯз ба чашм намерасад. Дар ҳоле ки дар иловаи панҷуми Фармони Президент аз 13 августи соли 2019 «Дар бораи чораҳои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» масъалаи реконструксияи 70 км қитъаи роҳи автомобилии 4Р-36, инчунин 112 км қитъаи роҳи зиёратгоҳи «Қизилқум» – объекти экотуристии «Арчаи Моҷарм» (ноҳияи Фориш)» ба миён гузошта шудааст. Ин масъала мебоист ба Барномаи сармоягузории солҳои 2020–2022 ворид шавад. Инак,



аз байн чанд сол гузашт, вале дигаргуние нест...

Ба гуфтаи аҳолии маҳаллӣ, ҳар сол шояд як ё ду бор аз ҷониби кормандони муассисаи давлатии истифода аз роҳҳои автомобилгарди ноҳия таъмири ҷорӣ карда мешавад, вале чунин корҳои муваққатӣ дер намепоянд: баъди борон ё барф роҳ боз ба ҳолати пешина бармегардад.

### Талафоти ҷонӣ зиёданд

– Ҳар сол дар ин роҳ бисёр садамаи нақлиётӣ рух медиҳад, – мегӯяд омӯзгори собиқадор, сокини деҳаи Соби ноҳияи Нурато Хуршед Гулназаров. – Ин дар ҳаддест, ки қариб дар ҳар як деҳаи кӯҳпоя як ё ду нафар дар ин роҳ ва бар асари садама ба ҳалокат расидаанд. Ин рақамҳо шояд барои баъзеҳо танҳо як ҳисоби оддӣ ҳастанд, аммо барои аксар ғаму андӯҳи зиёд, фоҷиаи фаромӯшнашаванда мебошанд. Танҳо дар хонаводаи мо се нафар наздиконамон маҳз дар ҳамин роҳ фавтиданд. 8 марти соли 2021 бародарам дар садама ҳалок шуд. Ҳанӯз дарди ин бохт сабук нашуда, 16 октябри ҳамон сол додарзодаам – ҷавони 17-сола дар айни камолот ғӯрамарг гардид. 31 августи соли 2023 бошад, боз як додарзодаам, ки донишҷӯ буд, дар ҳамин масир ба ҳалокат расид. Сад афсӯс, ки дар ин садамаҳо на танҳо аъзои оилаи мо, балки чандин нафари дигар низ ҷон бохта ё ҷароҳатҳои вазнин бардоштанд. Ин ҳақиқати талхро сангҳои рамзии канори роҳ – нишонаҳои ҷойи ҳалокати мусофирон низ собит мекунанд. Албатта, ҳамаи ин фоҷиаҳоро танҳо ба ҳолати роҳ нисбат додан ҳам дуруст нест. Лекин бори охир кай таъмир шудани ин роҳро дар хотир надорам. Дар баъзе ҷойҳо чунин чуқуриҳои васеъу бузург ҳастанд, ки аз онҳо убур карда гузаштан ғайриимкон мебошад. Солҳост, ки мардум аз ин мушкил ранҷ мекашанд, шикоят мекунанд, талаф медиҳанд, аммо дар амал тағйироте ба назар намерасад.



### Ҳам вақт талаф мешаваду ҳам асаб хароб...

Дар ҳақиқат, вазъи хароби роҳ, аз ҷумла, ҳолати техникӣ, фарсудашавии рӯйпӯши асфалт, чуқуриҳо, ноҳамворӣ, ноаён будани хатҳо, аломатгузории нокифоя – бо як сухан ба меъёри роҳсозӣ ҷавобгӯ набудани роҳ, на танҳо ба суръати ҳаракат таъсир мекунанд, балки дар ҳадде хавфи садамаҳоро низ зиёд менамоянд. Бино ба омори байналмилалӣ, дар кишварҳои дар ҳоли рушд қариб 20–30 дарсади садамаҳо ба ҳолати роҳ вобастаанд. Саволи барҳақ пайдо мешавад: вазъи хароби роҳи Фориш ба ҳаракати мошинҳо чӣ гуна таъсир мерасонад? Тӯли солҳои охир дар ин роҳ чӣ қадар садама рух дод ва боиси ҳалокати чанд нафар гардид?

– Беш аз 25 сол инҷониб дар ҷодаи деҳаҳои қаторкӯҳи Нурато ва шаҳри Ҷиззах мусофиркашонӣ мекунам, – гуфт ронандае, ки ошкор кардани номи худро нахост. – Пештар ин масирро, ки беш аз 100 километр аст, дар якуним соат тай мекардем, зеро вазъи роҳ беҳтар буд. Ҳоло беш аз дуюним соат вақт сарф мешавад. Солҳои пеш ба маркази ноҳияи Фориш дар ҳудуди 40 дақиқа мерасидем, алҳол дар беш аз якуним соат. Дар ин роҳ ҳам вақт талаф мешаваду ҳам асаби ронандагону мусофирон хароб...

Мо бо мақсади дарёфти маълумот дар бораи садамаҳои нақлиётие, ки дар роҳи автомобилгарди D048 тӯли солҳои 2024 ва 2025 рух додаанд, теъдоди шахсоне, ки бар асари ин садамаҳо ҷароҳат бардоштаанд ё вафот кардаанд, ба шуъбаи ҳаракати бехатари роҳи хидмати амнияти ҷамъиятии Садорати корҳои дохилии вилояти Ҷиззах муроҷиат кардем. Бино ба маълумоте, ки сарвари Хидмати матбуоти шуъба Аббос Дадашов тақдим кард, тӯли соли 2024 дар ин роҳ 5 садама рух дода, 13 нафар ҷони худро бохта, 18 нафар ҷароҳат бардоштаанд. Дар соли 2025 бошад, бар асари 6 садама 14 нафар ҳалок гардида, 20 нафар ҷароҳати гуногун гирифтаанд. Аммо аҷаб нест, ки дар амал, аз ин ҳам бештар бошад...

Бо вуҷуди ин, тӯли ду сол дар як роҳи ноҳия ба тарзи фоҷиавӣ ба ҳалокат расидани 27 нафар ҳам рақами андак нест! Чунки дар паси ҳар як рақам баробари як фоҷиа, сарнавишти як инсон, як оилаи мотамзада, волидони дар доғи фарзанд ҷигархун ва ғайра ниҳон аст. Пас барои чӣ масъулон нисбати таъмири ин роҳи дорои аҳамияти давлатӣ, ки вазъи хароб дорад ва боиси ҳалокати шаҳрвандон мегардад, бепарвоянд? Ин саволест, ки ҷавоб мехоҳад.

### Меҳмонон аз чӣ норозӣ?

Бояд гуфт, ки имрӯзҳо роҳи Фориш на танҳо барои ронандагону мусофирон хатар эҷод мекунад, балки ба рушди деҳаҳои кӯҳпоя, шароити зисти мардум низ таъсири нохуш мерасонад. Зеро дар шафати ин роҳ як қатор деҳаҳо, аз ҷумла, Бирлашган, Асраф, Порашт, Ӯхм, Моҷарм, Синтоб, Соб, Эҷ, Сойхурд ҷойгиранд, ки аксар инфрасохтори хуби сайёҳӣ доранд ва дар онҳо барои қабули меҳмонони маҳалливу хориҷӣ шароит фароҳам гардидааст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки он на танҳо як хатти одии нақлиётӣ, балки шоҳраги асосии зиндагии ҳазорон сокинон низ ҳаст.

– Соли 2023 деҳаи Синтоб аз ҷониби Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ чун «Беҳтарин деҳаи сайёҳӣ» эътироф гардид, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Синтоб»-и ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Бобоҷон Қосимов. – Ин эътироф нуфузи деҳаро баланд бардошт ва ба корҳои ободонӣ низ такони ҷиддӣ бахшид. Тӯли се соли охир шумораи меҳмонхонаҳои оилавӣ, ки пештар ҳамагӣ 3-4-то буд, аз 50 адад афзуд. Ҳоло қариб ҳар рӯз аз гӯшаву канори мамлакат ва ҳатто аз хориҷа меҳмонон ташриф меоранд. Бахусус, дар рӯзҳои истироҳатӣ шумораи онҳо хеле меафзояд. Қисми асосии меҳмонон аз вилоятҳои Навоӣ ва Бухоро меоянд. Аз Ҷиззах, Самарқанд, Сирдарё ва дигар шаҳру вилоятҳо нисбатан камтар. Ин дар ҳолест, ки деҳаи Синтоб амалан дар ҳамсоягии ноҳияи Форииши вилояти Ҷиззах ҷойгир буда, масофа то маркази шаҳри Ҷиззах низ чандон дур нест. Ба назари ман, яке аз омилҳои асосии ин ҳолати роҳ мебошад. Чунки аксари меҳмононе, ки аз ҷониби Ҷиззах меоянд, аз вазъи нигаронкунандаи роҳҳои Фориш шикоят мекунанд. Фикр мекунам, ки агар ин роҳ таъмир гардад, бешубҳа, ҷараёни сайёҳон аз вилоятҳои ҷанубу шарқии кишвар низ ба таври назаррас афзоиш меёбад. Ва ин на танҳо ба рушди минбаъдаи инфрасохтори сайёҳӣ, балки ба беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллӣ низ таъсири худро мерасонад.

### Боз як хабари нохуш




*Бино ба маълумоти шабакаи Kun.uz, ин ҳодиса 4 апрели соли ҷорӣ, тахминан соати 16:05, маҳз дар масири «шаҳри Ҷиззах – шаҳри Боғдон – деҳаи Қизилча – роҳи автомобилгарди D191» дар поёни деҳаи Ана-мунаи ноҳияи Фориш дар натиҷаи бархӯрди ду сабукрави тамғаи «Nexia» ва «Cobalt» рух додааст. Сад афсӯс, ки дар пайи ин садама, ҳар ду ронанда, инчунин як шаҳрванди 54-солаи Чин, ки дар «Nexia» қарор дошт, дар ҷойи ҳодиса ҳалок шудаанд. Ду мусофири дигари «Cobalt» дар беморхона фавтидаанд.*

*Ин ҳодисаи фоҷиабор боз як далели дардноки вазъи нохуби роҳи Фориш мебошад, ки дар пай чандин оиларо аз саробони худ маҳрум кард, дар ғаму мотами сангин гузошт. Чандин кӯдакро барои як умр аз меҳри падар маҳрум намуд, ҳамзамон, боиси ҳалокати як шаҳрванди хориҷӣ гардид.*

### Ба ҷойи хулоса

Бо як сухан, ҳолати роҳҳои Фориш дигар мушкили аҳолии як ё ду деҳа не, балки муаммои тамоми мардуми кӯҳпоя, қариб 30 ҳазор нафар аҳолӣ мебошад. Яъне он масъалае нест, ки нодида гирем ё ҳаллашро ба фардо гузорем. Беэътиборӣ ба ин муаммо танҳо ба афзоиши садама ва зиёд шудани талафоти ҷонӣ сабаб мешавbooked бас. Яъне ҳар рӯзи таъхир, хатари як фоҷиаи дигар аст.

Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки масъулони вилояти Ҷиззах ва ноҳияи Фориш бо назардошти муроҷиати мардум, таъминсозии бехатарӣ дар роҳ, имконоту иқтидори сайёҳии кӯҳпоя ва бо мақсади ҷалби бештари меҳмонон ба деҳаҳои ин макон, таъмири босифати ин роҳро вазифаи муҳиму таъхирнопазири худ қарор диҳанд ва аз пайи ҳалли мушкил шаванд.

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

### *РАҚАМҲОИ ҒАМАНГЕЗ*

*Соли 2020 дар Ӯзбекистон бар асари 6 ҳазору 982 ҳодисаи нақлиётӣ 1 ҳазору 957 нафар ҳалок шуда, 6 ҳазору 598 нафар ҷароҳат гирифтаанд.*

*Соли 2021 шумораи ҳодисаҳои роҳу нақлиёт аз 10 ҳазор гузашта, дар онҳо қариб 2,5 ҳазор нафар ҳалок ва 9 ҳазору 230 нафар ҷароҳат бардоштаанд.*

*Соли 2022 дар 9 ҳазору 902 ҳодисаи рухдода 2 ҳазору 356 нафар ҳалок шуда, 9 ҳазору 606 нафар ҷароҳат гирифтаанд.*

*Соли 2023 дар 7 ҳазору 616 ҳодисаи нақлиётӣ 1 ҳазору 867 нафар ба ҳалокат расида, 7 ҳазору 62 нафар ҷароҳат бардоштаанд.*

*Соли 2024 дар маҷмӯъ 9 ҳазору 364 чунин ҳодиса рух дода, қариб 9 ҳазор нафар ҷароҳат бардошта, аз ҳама аламовараш, 2 ҳазору 203 нафар ҷон бохтаанд.*

*Дар се моҳи аввали соли 2026 дар кишварамон 1102 ҳодисаи роҳу нақлиётӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 31,4 фоиз, яъне 346 ҳолат бо талафоти ҷонӣ анҷом ёфтааст.*

*Яъне, ҳар чорумин садама бо марги як нафар анҷом меёбад ё ба ҳисоби миёна ҳар рӯз тақрибан шаш нафар дар садама ҳалок мешаванд.*

*Дар аввали моҳи апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии Ўши Қирғизистон таҳти мавзўи «Масъалаҳои мубрами хусусиятҳои таърихӣ, фалсафӣ, забонӣ ва этнофарҳангии Водии Фарғона дар шароити ҷаҳонишавӣ» анҷумани байналхалқии илмӣ-амалии олимони Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ўзбекистон баргузор гардид.*

# АНҶУМАНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ

Дар анҷуман олимони соҳаҳои таърих, фалсафа, забон ва фарҳангшиносии донишгоҳҳои давлатии Андиҷон, Фарғона, Намангон, Ўш, Қўқанд ва Тошканд иштирок намуданд.

Ҳокими шаҳри Ўш Ҷанарбек Акаев меҳмонон ва иштирокчиёни анҷуманро хайра мақдам гуфта, оиди рушду равнақи ҳамкории иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии вилоятҳои се ҷумҳурии ҳамсарҳаду бо ҳам дўсту бародар сухан ронда, таъкид намуд, ки поягузори ҳамкориҳо президентони ин кишварҳо мебошанд.

Сипас, намояндагони донишгоҳҳо ба сухан баромада, оиди вусъати дўстиву ҳамкорӣ дархостҳои самимонаи хешро иброз доштанд. Баъди қисми кушодашавӣ баҳсу мунозираҳо оиди таърих, фалсафа, забоншиносӣ ва мероси фарҳангӣ, арзишҳои анъанавии умумибашарӣ оғоз ёфтанд.

Дар анҷуман дотсенти Донишгоҳи давлатии Намангон Абдулвоҳид Нуриддинов дар мавзўъҳои «Мулоҳизаҳо оиди таърихи сад пири комил» ва «Махдуми Аъзам дар бораи никоҳ ва оила» маърўза кард.

Дар давоми анҷуман аз ҷониби мизбонон барномаи консертӣ ва сайругашт ба ҷойҳои таърихии шаҳри Ўш ташкил гардид.

Анҷумани илмӣ дар пойдору мустаҳкамсозии ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сайёҳии халқҳои ўзбеку тоҷик ва қирғиз аҳамияти калон дорад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# МАҲФИЛИ «ХИРАДМАНД» – ПАЙВАНДГАРИ ДИЛҲО

***Баҳори соли равон пурфайз омад. Зиёд борон борид. Рўду ҷўйборҳо пури об. Талу теппаҳои кўҳистони Нурато ҷомаи сабз ба бар кардаанд. Ҳама ҷо сабзу хуррам. Боғи босафои мактаби рақами 14-уми ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах таровати бештар дошт. Зери дарахтони сарсабз наврасону омўзгорони мактабҳои тоҷикии кўҳпояи Нурато гурўҳ-гурўҳ бо чеҳраи кушод бо ҳам суҳбат доштанд. Ба онҳо ҳавасамон омад. Шод будем, ки наврасони кўҳпоя аллакай унс гирифтаанд, дўстона бо ҳам суҳбат доранд. Замоне мо ҳам наврас, толибилми мактаб будем, вале ҳамсинфони худро аз мактаби ҳамсоя намешинохтем.***




Ин ҳама дўстиву бародарӣ самараи фаъолияти маҳфили андешаварзӣ ва зеҳнии «Хирадманд» мебошад. Ин маҳфил, ки бо ташаббус ва сарпарастии нависандаи шинохта Юнуси Имомназар таъсис ёфтааст, имрўз хеле шуҳрат пайдо кардааст. Аз фаъолияти маҳфил саросари кишвар огоҳанд ва имрўз берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ низ маълум аст.

Дар боғи босафои мактаб маҳфили навбатии «Хирадманд» байни донишомўзони 10 мактаби тоҷикии кўҳпояи Нурато баргузор гардид. Мавзўи баҳс аз рўйи асари безаволи Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ – «Маснавии маънавӣ» буд.

«Маснавии маънавӣ» аз 26 000 байт ва шаш дафтар иборат буда, яке аз пурмуҳтавотарин адабиёти ирфонии куҳани форсӣ ба шумор меравад.

Ин асар дар қолаби маснавӣ суруда шудааст, ки дарвоқеъ, унвони китоб низ аз ҳамин ҷо гирифта шудааст.

Дар «Маснавии маънавӣ» андешаҳои инсонпарварона, ҳикматҳои фалсафӣ, арзишҳои ахлоқӣ, масъалаҳои равоншиносӣ, таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайра мавҷуд аст, ки метавон дар бораи онҳо китобу рисола навишт.

Воқеан ҳам, Ҷалолиддини Балхӣ бо осори гаронарзиши худ аз қаъри асрҳо на танҳо барои наҷоти миллати худ, балки наҷоти башарият зуҳур кардааст.

*Ман ба таблиғи рисолат*
*омадам,*
*То раҳонам ман шуморо*
*аз надам.*

Баҳс тезутунд гузашт. Дар ҳар марҳилаи посух ва суолҳо холҳои гирифтаи дастаҳо болову поин мешуд. Ҷозибагии маҳфил дар он буд, ки шогирдони мактабҳо – аъзои дастаҳои «Нури Фориш» ва «Маърифати Нур» давоми панҷ моҳ хуб омодагӣ дидаанд. Ҳар як даста ба даҳ савол қаноатбахш посух медод, ҷавобҳо то ҷое, пурра буд, ки зуд-зуд садои кафкўбии ҳозирин дар фазои боғи мактаб баланд мешуд.

Ҳар як посухи шогирдонро бо шарҳи мухтасар доварони босалиқа – шоир ва рўзноманигор Пайғом (Тўхтамиш Боқиев), рўзноманигор ва адиб Саодат Бекназарова, аълочии маориф ва илми Тоҷикистон ва Ўзбекистон Ҷумҳур Қўқонов баҳогузорӣ карданд.

Пас аз ҷамъбасти баҳогузории доварон донишомўзони панҷ мактаби ноҳияи Фориш 71 хол ва донишомўзони мактабҳои ноҳияи Нурато 69 хол ба даст оварданд. Ғолибон ва иштирокдорони маҳфил ҳавасманд гардонида шуданд. Ин дафъа китобҳои ба армуғоноварда иборат аз асарҳои тозанашр – «Ойинаҳои сабз» (Осори баргузидаи шоирони сад соли охири форсизабон, мураттиб Наргис Шоалиева), «Кори дунё» (қиссаю ҳикоя-ҳои нависандаи ўзбек Ўткир Ҳошимов, дар тарҷумаи Насибаи Зайниддин), маҷаллаҳои «Дурдонаи Шарқ» ва чанд китоби дигар ба иштирокдорони маҳфил тақдим гардиданд.

Аз ҷониби раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов китоби «Саҳарнам»-и Шоири мардумии Тоҷикистон Фарзона ба китобхонаҳои даҳ мактаб супорида шуд. Роҳбари шуъбаи маърифат ва маънавияти ҳокимияти ноҳияи Нурато Воҳидҷон Қобилов бо як даста китоб иштирокдоронро хушнуд сохт ва таъкид намуд, ки шумо инсонҳои хушбахт ҳастед, чунки асари машҳури панду ахлоқии «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавиро ба забони асл мехонеду мефаҳмед ва мазмуни онро бозгўйӣ мекунед. Ин ба мисли он аст, ки шумо аз қаймоқи асар баҳраманд мешавед.

Ба номинаи хониши ифоданоки донишомўзон, ки пораҳои назмию насриро қироат карданд, чор довари холис – шоира Мағфират Юсуфӣ, омўзгори забон ва адабиёти тоҷик Сўҳроб Ваҳҳобниё (ҳарду аз Тоҷикистон), нависанда ва рўзноманигор Шариф Халил, ва шоири ҷавон Далершоҳ Неъматзода ба тариқи онлайн баҳогузорӣ кардаанд. Ба ғолибони ин номинаҳо – «Шеърхони беҳтарин» ва «Суханрони беҳтарин» низ аз сўйи сарпарасти маҳфил туҳфаҳои хотиравӣ ва ҷоизаҳои пулӣ эҳдо карда шуд. Аз байни шогирдони шеърхон Дурдона Раҳматова (мактаби рақами 21-уми ноҳияи Нурато) ва Соҷида Шакарова (мактаби рақами 49-уми ноҳияи Нурато) ба ҷойи сеюм, Дилнура Тўраева (мактаби рақами 30-уми ноҳияи Нурато) ба ҷойи дуюм, Бунафша Қўрғонова (мактаби рақами 43-уми ноҳияи Нурато) ба ҷойи якум сазовор дониста шуданд. Донишомўзи мактаби рақами 38-уми ноҳияи Нурато Дилрабо Саломатуллоева ба хотири ин, ки мунтазам чорумин бор барандаи номинаи «Шеърхони беҳтарин» мегардад, дар ин бахш ҳамчун ғолиби мутлақ дониста шуд. Аз рўйи «Суханрони беҳтарин» бо қироати ифоданоки худ Фарангис Раҳмонова (мактаби рақами 30-уми ноҳияи Нурато) ва Фарзона Ҷўрақулова (мактаби рақами 21-уми ноҳияи Нурато) ба ҷойи сеюм, Моҳина Иброҳимова ва Ганҷина Саломатуллоева (мактаби рақами 38-уми ноҳияи Нурато) ба ҷойи дуюм ва Сабина Сатторова (мактаби рақами 49-уми ноҳияи Нурато) ба ҷойи якум муносиб дониста шуданд.

Тавре ки аз натиҷагирии номинаҳо намоён аст, хонандагони мактабҳои миёнаи ноҳияи Нурато нисбат ба хонандагони мактабҳои ноҳияи Фориш бештару хубтар омодагӣ дидаанд.

Чун ҳамеша, барандаи ин маҳфил омўзгори собиқадор, Аълочии таълими халқи Ўзбекистон ва Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон Дилмуроди Қўзӣ буд.

Ҳадафи асосии маҳфили «Хирадманд» баланд бардоштани сатҳи дониш, рушди фикррониии мантиқӣ ва зеҳнӣ, қобилияти суханронӣ, ташаккули шахсияти фаъолу худогоҳ, бедор намудани шавқу ҳаваси шогирдон ба китобдўстиву китобхонӣ мебошад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигорони**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Машъалони маориф*

# ФИДОИИ БАХШИ ТАЪЛИМ

*Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,*
*Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.*

***(Сайидои НАСАФӢ).***



Оре, зери калимаҳои ҳаммаъною ҳаммазмуни устод, мураббӣ, омўзгор олам-олам маъниҳо ниҳон аст. Омўзгорро дар ҳамаи давру замон наҷотдиҳандаи олам аз зулмат ва торикӣ ҳисобидаанду меҳисобанд. Ў бо ҳама бахшандагию худфидоӣ ва худсўзию офарандагиаш ба роҳи дигарон нуру равшанӣ ва ба қалби онҳо чароғи илму маърифат ва нафосат ҳадя менамояд. Дар замони муосир нақши омўзгор дар тарбияи насли наврас ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Омўзгор на танҳо дониш медиҳад, балки шахсияти комилро ба воя мерасонад, онҳоро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят мекунад. Таълими ибтидоиро пояи ташаккули шахсият мегўянд. Ба таври дигар назар афканем, гуфтаҳои зерин пеши назар меояд:

*Хишти аввал гар ниҳад*
*меъмор каҷ,*
*То ба охир меравад*
*девор каҷ.*

Бо ин гуфтаҳо мо дар бораи яке аз омўзгори пуртаҷриба, кордон, масъулиятшинос, устоди ҳалиму меҳрубон, сахтгиру серталаб, соҳибмақом ва шинохта Масъуд Хўҷаев ақидаҳои худро баён карданием.

Ў омўзгори тоифаи олии синфҳои ибтидоии мактаби овозадори рақами 38-уми ноҳияи Сариосиё буда, бо меҳнати софдилона, усулҳои нав ва муҳаббат ба касби худ дар рушди соҳаи таълим саҳми арзанда мегузорад, бо фаъолияти пурсамар сазовори эҳтироми ҳамагон гардида. Ў соли 2016 соҳиби унвони фахрии «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Ўзбекистон» гаштааст. Ин далели заҳматҳои пайваста, маҳорати баланд, фидокорӣ ва садоқат ба касби омўзгорӣ аст. Аммо бузургтарин дастоварди ў ин муҳаббат ва эҳтироми шогирдон нисбат ба ў мебошад.

Масъуд Хўҷаев бо нияти пок ва дили пур аз меҳр ба сўйи мактаб роҳ мегирад. Барои ў мактаб на танҳо ҷои кор, балки маъбади илму дониш аст. Ҳар сухани ў маъно дорад, ҳар маслиҳаташ раҳнамоест ба сўйи ҳаёти дурахшон.

Дар ҷараёни фаъолияти педагогиаш ў ҳамеша кўшиш менамояд, ки дарсҳоро бо усулҳои муосири пешқадам ва ҷолиб ташкил намояд. Истифодаи технологияи иттилоотӣ, равишҳои интерактив ва ҷалб намудани хонандагон ба муҳокимаву андешаронӣ дарсҳои ўро пурмазмун ва таъсирбахш мегардонанд. Шогирдонаш ба ғайр аз донишҳои назариявӣ малакаҳои амалӣ ва тафаккури мустақилро низ аз худ менамоянд.

Ин устоди некном ва воломақом ҳамчунин ба тарбияи ахлоқии хонандагон ҳамеша аҳамияти ҷудогона медиҳад. Вай ба хонандагон эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, дўст доштани Ватанро талқин менамояд.

Дар давраҳои таълим дар мактаби миёна ба шеъру шоирӣ низ завқи беандоза дошт ва маҳсули эҷодаш дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ чоп мегардид.

Солҳои 1995-2000 донишҷўи Донишгоҳи давлатии омўзгории Тоҷикистон гаштааст. Дар мактаби зодгоҳаш таи 31 сол аст, ки касби омўзгориро пеш мебарад. Дар давоми ин солҳо ба чандин муваффақият ва комёбиҳо ноил гаштааст. Дар тадқиқотҳои байналхалқӣ ба мисли «EGMA» ва «EGRA» ҳамчун тадқиқотчӣ иштирок намудааст. Дар ин ҷараён барои баҳо додани кори довталабон саҳми арзандаи худро гузошта, соҳиби сертификат ва ифтихорномаҳо гардидааст. Хидматҳои арзанда, донишу маҳорат ва истеъдоди бемисли ўро дар таълими омўзиши синфҳои ибтидоӣ ба назар гирифта шуъбаи таълими халқи ноҳия солҳои тўлонист, ки ўро ба вазифаи пурмасъули методисти омўзгорони синфҳои ибтидоии ноҳия таъин намудааст ва ў ин вазифаро сарбаландона адо менамояд. Тамоми омўзгорон бо ў маслиҳату машварат намуда, ба шогирдони худ таълим медиҳанд. Аз соли 2024 инҷониб вазифаи менторӣ синфҳои ибтидоии ноҳияро ба ўҳда дорад. Ҳамчун таҷрибаомўз дар курсҳои махсуси менторӣ тайёркунии Маркази таълими ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, таҷриба андўхта, соҳиби сертификати махсус гардидааст. Ў дорандаи музди иловагии менторӣ дарси «КРК» (рўзи рушди касбӣ) ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар аттестатсияи омўзгорон иштирок намуда, бо дониш, малака ва маҳорати бетакрори худ соҳиби музди иловагии вазир (70 фоиз) гардидааст. Соҳиби тоифаи олии умрбодӣ буда, айни замон барои соҳиб шудан ба музди иловагии вазир (100 фоиз) даъвогарӣ дорад. Бо вуҷуди ин ҳоло дар қатори шогирдони беҳтаринаш, ки бо ў якҷоя кор ва фаъолият мебаранд, номи Миҷгон Қудратова, Манучеҳр Шокиров, Шоҳона Қаландарова, Сурайё Шукурова, Зайнулло Пардаев, Шаҳло Муҳиддинова ва дигаронро мисол овардан мумкин аст. Ҳар яке аз ин шогирдон имрўз дар соҳаи таълим бо кор ва фаъолияти худ аллакай ба пешравиҳо ноил гаштаанд. Боз садҳо шогирдони дигараш, ки дар дигар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ватанамон саҳмгузоранд, ба забон овардан мумкин аст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин машаққат ва талошҳои соҳаи таълим бо шогирдон ў дар ҳамкорӣ бо Маркази таълими ҷумҳурӣ бо тарҷумаи китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ машғул буда, чандин китоби дарсиро тарҷума намудааст. Барои салоҳият ва донишу ҳиради волояш ўро ҳамчун эксперти китобҳои дарсӣ муносиб донистаанд.

Симои ҳақиқии ў дар оила ҳам равшан мегардад. Муваффақиятҳояш ў танҳо бо меҳнати касбӣ маҳдуд намешаванд. Ў инчунин падари хушбахт ва сарпарасти оилаи намунавӣ мебошад. Соҳиби панҷ фарзанд – се духтару ду писар. Барои ў оила арзиши баланд дошта, тарбияи фарзандонро бо масъулияти баланд ба роҳ мондааст. Ҳамҷиҳатии фаъолияти касбӣ ва зиндагии оилавӣ нишон медиҳад, ки Масъуд Хўҷаев тавонистааст ҳам дар ҷодаи омўзгорӣ ва ҳам дар зиндагии шахсӣ муваффақ бошад.

**Фарида**
**МУҲИДДИНОВА,**
**омўзгори забон ва**
**адабиёти тоҷики**
**мактаби**
**рақами 38-уми**
**ноҳияи Сариосиё.**

*Ёдкард*

# ДУХТАР БА ТАҒОҶОН РАФТ...

*Дар баҳоре, ки табиат чун ҷавонӣ*
*хандарўст,*
*Гирярўям аз ғамат дар боғи гулҳо*
*модарам,*
*Меҳрубониҳои дунё бо ту зери*
*хок рафт,*
*Кас наёзад сўи ман дасти тасалло*
*модарам.*
*Бурдӣ аз лаб хандаам,*
*эй шўълаи ояндаам,*
*Водареғо, модарам, сад водареғо,*
*модарам!*

**Лоиқ ШЕРАЛӢ.**

Устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори фанҳои география Фахриддин Баҳриев (рўҳаш шод бод!) одати аҷибе дошт. Ў ҳар гоҳ ба хонадони хоҳараш Уламо Баҳриева ташриф оварад, ҷиянҳои худро дар атрофаш ҷамъ намуда, аз фанҳои гуногун, хосатан ҷуғрофия суол дода, савияи дониши онҳоро месанҷид ва албатта барои рўҳбаланд намудани онҳо ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ рағбатнок месохт. Хосатан аз ҷавобҳои Мавлуда қаноатбахш шуда, ба хоҳараш мегуфт, ки ана ҳамин ҷияни доначаю балоча саводу дониши кофӣ дорад.

– Духтар ба тағо-дия, – хушҳол лабханд зад хоҳараш, – шояд мисли шумо, тағоҷонаш муаллими география шавад.

– Ҷуғрофия аз фанҳои шавқангез аст, – мегуфт Фахриддин Баҳриев, – ҳар чӣ қадар омўзад, ҳамон қадар шавқу ҳавасаш афзуда, дар оянда мутахассиси баландмалака хоҳад шуд.

Башорати тағо рост баромад. Мавлуда соли 1968 мактаби миёнаи рақами 16-уми ноҳияи Самарқандро хатм карда, ҳуҷҷатҳои худро ба факултаи ҷуғрофияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд супурд ва аз имтиҳонҳои қабул сарбаландона гузашт. Ва аввалин шахсе, ки ўро бо ин комёбӣ табрики самимона гуфт, тағоҷонаш Фахриддин Баҳриев буд.

Мавлуда барои пурра ва ҳаматарафа омўхтани фанни география китобхонаи асосии донишгоҳро, ба қавле, иҷора гирифт. Вай дарк намуд, ки ҷуғрофия ҳамчун илм дар давраи сохти ғуломдорӣ дар Миср, кишварҳои Осиёи Миёна, Ҳиндустон, Хитой, Юнони Қадим ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон инкишоф ёфтааст.

Хосатан, дар Осиёи Марказӣ ва Эрон олимону пажўҳишгарон Абурайҳони Берунӣ, Муҳаммад Хоразмӣ, Носири Хусрав, Заҳириддин Муҳаммад Бобур, Мирзо Улуғбек ва дигарон дар ин самт хидмати шоиста кардаанд.

Мавлуда дар донишгоҳи мазкур аз устодони сахтгир, вале меҳрубону дилсўз бисёр чизҳоро омўхт. Солҳои таҷрибаомўзӣ дар мактаби ҷоноҷони худ омада, аз собиқ муаллимон сиру асрори ба дилу дидаи хонандагон роҳ ёфтан, ба онҳо меҳру муҳаббати донишомўзиро пайдо карданро пайваста омўхт. Баъди дипломи дорулфунунро ба даст гирифтан, дар мактаби хондааш ба вазифаи омўзгори фанни география таъин шуд.

Аълочии таълими халқ Мавлуда Истамқулова то вақти ба нафақа баромадан ба касби педагогӣ содиқ монд. Боиси хушнудист, ки шогирдони бешумори ў дар олимпиадаи вилоятӣ ва ҷумҳурӣ шоҳсуфаи баланд насибашон гашта, аксарияти онҳо ба мактабҳои олии Ўзбекистон ва Тоҷикистон, ҳатто кишварҳои хориҷӣ дохил шудаанд.

– Камина бо раҳматӣ Мавлуда Истамқулова солҳои тўлонӣ паҳлўи ҳамдигар фаъолияти пурсамаронаи педагогӣ бурдем, – иброз дошт собиқадори таълими халқ Абдуфаттоҳ Қаҳҳорӣ, – ў аз зумраи шахсони масъулиятшинос, навовару пешқадам, қолабшикан буд. Камбудиҳоро ошкоро баён мекард, агар лозим бошад, кумаку ёрии беғаразона расонда, барои пешрафти корҳои фоидабахши педагогӣ саҳми арзанда мегузошт. Дареғо, ки дар рўзҳои таҷлили Наврўзи оламафрўз дар синни 76- солагӣ чашм аз олами ҳастӣ пўшид.

– Модари муқаддасу ғамхори мо бо падари бузургворам Абдуҳамид Аҳадов (илоҳӣ рўҳашон шод бод!) панҷ нафар фарзандонро таълиму тарбия додаанд, – бо ғаму андўҳ лаб ба сухан кушод писараш Меҳроҷ Аҳадов, – доимо ёди падару модар мекунам.

Воқеан, додару хоҳарони ман Бахтиёр, Илҳом, Насиба, Меҳрангез аз дуои хайру неки модари муқаддасу падари ғамхор дар зиндагӣ мавқеи худро пайдо карда, дар соҳаҳои гуногун адои вазифа мекунем. Ба қавли шоири ширинкалом Лоиқ Шералӣ:

*Ба кўйи охират рафтӣ, сари кўйи ту*
*менолам,*
*Ҳама сўйи Худо ноланд, ман сўи ту*
*менолам.*
*Ту дар зери заминӣ, бе туам рўйи*
*замин холист,*
*Ба рўйи ин замин дар ҳасрати рўи ту*
*менолам...*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*15 апрел – Рӯзи гиромидошти Устод Айнӣ*

# МАҚОМ ВА АҲАМИЯТИ ОСОРХОНАИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ТАРБИЯИ ИНСОНИ МУОСИР

***Маълум аст, ки осорхонаҳо бо мақсади таблиғи ин ё он сиёсат, ҳадаф ё арзишҳои мушаххас, ки баъзан ба воқеияти таърихӣ чандон мувофиқат намекунанд ё комилан созгор нестанд, ташкил карда мешаванд.***

Хона-музейи устод дар Самарқанд бо дарназардошти нақши бузурги нависанда, олим ва арбоби давлатӣ ташкил шудааст. Мероси илмию эҷодии ӯ умумибашарӣ буда, ҷараёни воқеаҳои таърихӣ, мақом ва мавқеи халқи тоҷик ва забони ӯро дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ фаро гирифтааст.

Рисолаи пурмуҳтавои «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод воқеан асарест, ки дар замони навишта шуданаш мубориза барои ҳаёт, забон ва ҳастии миллати тоҷик буд.

Шахсияти Садриддин Айнӣ беназир аст. Айнӣ зиндагии бисёр душвору печидаро аз сар гузаронид. Баъзан чунин ба назар мерасад, ки устодро як нируи илоҳӣ муҳофизат кардааст. Зеро аз вазъиятҳои мушкилтарин ғолибона берун омадааст, ки муъҷиза менамояд.

Вазъияти аморати Бухороро дар охири асри XIX ба ёд оваред. Ғуломӣ, ҷангҳои байнимазҳабӣ, камбизоатӣ ва бар замми ин, офати вабо, ки дар тамоми ҳудуди аморат паҳн шуда, бисёр аҳолии кишварро нобуд карда буд. Падару модари Садриддини хурдсол низ аз ин офат нобуд шудаанд.

Дар шароите, ки мебоист барои дастгирии бародарони дар парасторecho ӯ монда саъй кунад, кор ёфтан осон набуд.

Вале бахти Садриддини ҷавон омад кард. Ӯ дар хонаи собиқ қозикалони аморат Садри Зиё, ки шоир ва маорифпарвари замони худ буд, хидмат мекунад. Хонаи Садри Зиё маркази тамоми фикру ақидаҳои наву пешқадам буд. Дар ин ҷо донишмандони Бухоро ва зиёиёни кишвар, пайваста ҷамъ меомаданд, мунтазам чорабиниҳои адабӣ ва ҷамъиятӣ барпо мегардиданд. Садриддини зирак, ки дар ин чорабиниву маъракаҳо хидмат мекард, аз онҳо барои худ ғизои маънавӣ мегирифт.

Дар ин ҷо ӯ бо тамоми адабиёте, ки дар китобхонаи ғании Садри Зиё гирд оварда шуда буд, ошно мешавад. Бо олим, шоир ва мутафаккири бузурги замон Аҳмад Махдуми Дониш вохӯрда, асарҳои ӯро мутолиа мекунад ва олами атрофро ба тарзи нав дарк менамояд. Садри Зиё аз кунҷкобӣ ва майли ба дониш доштаи вай ба ҳайрат афтода, кумак мекунад, ки Садриддини ҷавон имкони таҳсил дар мадрасаро пайдо намояд.

Зиндагӣ дар Бухоро осон набуд. Ӯ ҳангоми таҳсил ба шогирдони сарватманди мадраса хидмат мекард, то зинда монад. Аммо мушкилот зиёд буд. Душвориҳои рӯзгори он замонро Садриддин Айнӣ чунин тавсиф кардааст: «Манзили ман дар дохили курта буд».

Оре, Садриддин Айнӣ фарзанди бузурги халқи худ аст! Ҳаёт ва фаъолияти ӯ корномаи бузург мебошад.

Яке аз ин корномаҳои беназире, ки Садриддин Айнӣ анҷом додааст, ин фаъолияти ӯ барои ҳифзи мероси илмӣ, адабию фарҳанги миллӣ буд. Бо вуҷуди таъқиби даҳшатноки мухолифони миллат ҷони худро дар хатар гузошта, ин меросро нигаҳ дошт, аз нобудшавӣ ҳифз кард.

Кори асосии мо дар осорхона, пеш аз ҳама, оммавӣ гардондани эҷодиёти устод ҳамчун нависандаи бузург аст, ки дар замони мо аз зумраи классикони адабиёти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.

Мо бояд Айниро ҳамчун муборизи даврони наве муаррифӣ кунем, ки таvонистааст мавҷудияти халқи бузургеро собит созад, мақоми арзандаи ӯро дар байни халқҳои ҷаҳон таъин кунад.



Ин хонаро, ки барои Садриддин Айнӣ хеле азиз буд, мо эҳтиромона «Хонаи мо» меномем. «Баъд аз инқилоби февралӣ ман аз Бухорои амир ба Самарқанд гурехта, барои иқомати доимӣ дар ин ҷо муқим шудам.

Дар Самарқанд хона сохтам ва маҳз аз ҳамин хона кори эҷодии ман оғоз ёфт. Он аз «Ҷаллодони Бухоро» сар карда, бо «Ёддоштҳо»-и ман тамом мешавад...», – мегӯяд Айнӣ.

Дар ин хона қариб тамоми шоирону нависандагони тоҷику ӯзбек фотиҳа ва ризоияти Устодро гирифтаанд. Хона ба мактаби Айнӣ табдил ёфт, ки қоидаву анъанахои худро дошт. Дар ин мактаб таҳсил кардан барои аксари адибон шараф буд. Он фазои аҷибу илҳомбахш то имрӯз идома дорад.

Мавзеи ҷойгиршавии хона худ хеле рамзӣ аст. Вай дар шафати маҷмааи бошукӯҳи Регистон воқеъ аст, ки замоне мадрасаи олим ва арбоби бузург Мирзо Улуғбек амал мекард.

Шукри Худо, ки соли 1964 ба шарофати шогирди содиқи устод, нависанда ва арбоби маъруф Шароф Рашидов хона мақоми Осорхонаи давлатиро гирифт.

Ҳоло бошад, бинобар таваҷҷуҳи шахсии роҳбари кишварамон Шавкат Мирзиёев хона эҳёи дуюмро аз сар мегузаронад.

Дар он корҳои асосии таъмиру сохтмон анҷом ёфта, намоишгоҳҳои нав ташкил мешаванд, ки аз ҳаёт ва фаъолияти Садриддин Айнӣ тӯли солҳои истиқоматаш дар Самарқанд нақл мекунанд. Имрӯз бинанда имкон дорад, ки тавассути бахши «Осорхонаи зеҳнӣ» дар бораи хона-музей, дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ ба забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ маълумот бигирад.

Дар ҷаҳони муосир осорхонаҳо, аз ҷумла осорхонаи Устод Садриддин Айнӣ дар рушди фарҳанг, ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва ба мардум интиқол додани шоҳасарҳои санъат аҳамияти бузург доранд.

Раванди тарбия ва таълими шахс дар ҷомеа маълумоти мақсаднок, воқеӣ ва дастрасро тақозо мекунад. Ба ин маънӣ нақши осорхонаи Садриддин Айнӣ беназир аст, зеро таълиму тарбия аз самтҳои асосии фаъолияти осорхона мебошад.

Зеро дар он шоҳасарҳои адабиёти миллӣ, аз қабили романҳои «Ғуломон», «Дохунда», повестҳои «Марги судхӯр», «Одина», «Ҷаллодони Бухоро», «Мактаби кӯҳна», чор ҷилди «Ёддоштҳо», асарҳои машҳури илмии «Намунаи адабиёти тоҷик», ҳамчунин «Таърихи Бухоро», рисолаҳои илмӣ дар бораи шоирони бузург Абулқосим Фирдавсӣ, Алишери Навоӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Нодирабегим ва ғайра навишта шудаанд.

**Амриддин ПӮЛОДӢ,**
**мудири Осорхонаи Садриддин Айнӣ дар Самарқанд.**

# ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ НАВИ ТАЪЛИМӢ

***Дар ноҳияи Нуратои вилояи Навоӣ боз як иншооти муҳими иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гирифт.***

Дар деҳаи Сойкечар, ки ба ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Истиқлол» тааллуқ дорад, маросими тантанавии ифтитоҳи муассисаи давлатии таълими томактабии рақами 14, ки ба симои Ӯзбекистони Нав мутобиқ мебошад, баргузор гардид.

Дар чорабинӣ пиронсолон ва сокинони маҳалла иштирок намуда, ҳамаи ҳозиринро бо ба истифода додани муассисаи нави таълимӣ самимона табрик карданд.

Муассисаи таълими томактабии нав имкони фарогирии 90 нафар кӯдакро дорад. Лоиҳаи мазкур бо сарпарастии ҶС «Халқ банки» амалӣ гардида, аз ҷониби корхонаи хусусии «Ашраф» бо маблағи 5,1 миллиард сӯм бунёд шудааст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*



*Моҳи марти соли ҷорӣ дар доираи иқдоми «Соғлом келажак» дар Маркази бисёрсоҳаи тиббии кӯдакони вилояти Сурхондарё муоинаҳои тиббӣ гузаронида шуданд ва дар натиҷа муайян гардид, ки 34 нафар кӯдак ба амалиёти ҷарроҳии баландтехнологӣ ниёз дорад.*

*Дар асоси ин, 6-9 апрел аз ҷониби мутахассисоне, ки аз клиникаҳои бонуфузи Туркия омадаанд, ба кӯдакони бемори интихобшуда амалиётҳои мураккаби ҷарроҳӣ гузаронида шуданд.*

*Ҷиҳати ҷолиби диққат он аст, ки ин амалиёт пурра аз ҷониби Фонди ҷамъиятии дастгирии кӯдакон маблағгузорӣ шуда, барои беморон ройгон ташкил карда шуданд.*

*Ҳамчунин, пас аз амалиёт беморон зери назорати мутахассисони хориҷӣ қарор дошта, саломатии онҳо мунтазам пайгирӣ карда мешавад.*

***Дар сурат:*** *лаҳзае аз муоинаҳои амиқи тиббӣ.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***

# ФАКТҲОИ ҶОЛИБ ОИД БА ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ УСТОД АЙНӢ

### 1. Аҷдод

Бобову бобокалонҳои устод Айнӣ аҳли илму маърифат будаанд. Бобои падариаш Саййид Умархоҷа ном дошт. Падараш Саййидмуродхоҷа асосан бо деҳқонӣ ҳаёт гузаронд ва оилаи худро таъмин кард, чархиосиёбсозиву сангиосиёбтарошӣ низ менамуд. Мадрасадида буд, вале бинобар вазнинии шароити оилавӣ таҳсил дар мадрасаро то охир давом дода натавонист. Назар ба манбаъҳо, яке аз бобокалонҳои Устод Айнӣ, ки Абуабдуллоҳ Поянда ном дошт, аз суханварони маъруфи даври хеш ба шумор мерафт. Поянда, айни вақт, яке аз шайххои тариқати Кубравия буд.

### 2. Модараш кӣ буд? Бародаронаш чӣ ном доштанд? Ятимӣ

Модари Устод Айнӣ Зеварой ном дошт. Саййидмуродхоҷаву Зеварой дар охири солҳои шастуми қарни нуздаҳ хонадор шуданд. Нахустфарзанди оила Муҳиддинхоҷа соли 1870 ба дунё омад. Боз се писар ёфтанд ва ба онҳо Садриддин, Сироҷиддин ва Кироммиддин ном гузоштанд.

Риштаи ҳаёти Муҳиддинхоҷа ва Сироҷиддинхоҷа ба таври фоҷиавӣ канда шудааст.

Дар бачагиаш аз падар, модар ва тағои худ, ки якбора ба дарди бедаво мепечанд, ҷудо шудааст. Вақте падараш вафот кард, ҳамагӣ 12 сол дошт.

### 3. Таҳсил дар мадраса

Бо ҳидояти яке аз хешони дураш Шарифҷон Махдум Садриддинхоҷа дар дувоздаҳсолагӣ аз Соктаре ба Бухоро омад. Дар мадрасаҳои Мири Араб, Олимхон, Бадалбек, Ҳоҷӣ Зоҳид ва Кӯкалдош (тӯли солҳои 1890– 1900) таҳсил намудааст.

Бо тақозои шароити вазнин фориғ аз таҳсил маҷбур буд либосшӯӣ, фаррошӣ ва мардикорӣ намояд.

### 4. Роҳ ба адабиёт ва эҷод. Тахаллус

Дар маҳфилҳое, ки бо ташаббуси Шарифҷон Махдум рӯйи кор меомаданд, Садриддинхоҷаву Муҳаммадсиддиқ Ҳайрат, ки меҳри шеър дар қалбашон маъво дошт, аз наздик шинос шуданд.

Садриддинхоҷа нахустин ғазалҳои худро тахти тахаллусҳои Сифлӣ, Муҳтоҷӣ ва Ҷунунӣ гуфтааст. Баъдтар қарор кард тахаллуси муносибтар ёбад. Луғатҳоро варақ зад, «айн» писанд афтод. Пештар шоире бо тахаллуси «Айнӣ» эҷод карда ё не?

Мулло Хол ном дӯсти истаравшаниаш, ки бо тазкираҳо сарукор дошт, гуфт, ки шоиреро дучор наомадаам, ки ин тавр тахаллус дошта бошад, танҳо як олимро шунидаам, ки дар Миср ба сар бурда ва Айнӣ тахаллус дошт.

Садриддинхоҷа соли 1896 ғазали навбатии худ «Гули сурх»-ро таҳти тахаллуси Айнӣ эълон намуд.

Баъдтар дарак ёфт, ки як вақтҳо шоире бо номи Айнӣ гузашта будааст ва дар бораи ӯ дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» маълумот мавҷуд.

Дар луғатҳо 48 маънои «айн» шарҳ дода шудааст. Машҳуртарин маъноҳои ин калима – «чашм» ва «чашма».

### 5. Айнӣ ва адабиёти дунё

Дар анҷумани нависандагони Осиё ва Африқо, ки соли 1962 дар Қоҳира ба амал омад, номи Садриддин Айнӣ дар қатори Робиндронат Таҳакури ҳиндустонӣ, Лу Сини чиноӣ ва Тоҳо Ҳусайни мисрӣ, ки адибони мумтози Шарқ ва намояндагони барҷастаи адабиёти ҷаҳонанд, ба забон оварда шуд.

Куллиёти адиби бузурги мо аз 15 ҷилд иборат аст. Аҷиб он ки вай баъди чиҳилсолагӣ сермаҳсул гашт – 14 ҷилд асарҳояшро дар нимаи дувуми умри худ навишт.

Устод Айнӣ асосан бо повести «Марги судхӯр» (1939) ва чаҳорҷилдааш «Ёддоштҳо» (1949–1954) ба адабиёти ҷаҳон дохил шудааст.

### 6. «Гобсек» ва «Марги судхӯр»

Муҳаққиқон гуфтаанд, тавре ба назар мерасад зиндагии булъаҷабонаи қаҳрамони марказии «Марги судхӯр» Қорӣ Ишкамба ба рӯзгори ғайримуқаррарии Плюшкин, Иудушка Головёв ва Гобсек то андозае монанд аст.

Қорӣ Ишкамбаро хусусан ба қаҳрамони қиссаи ҳаҷвии адиби фаронсавӣ Оноре-де- Балзак, ки Гобсек ном дошт, қиёс мекунанд.

Балзак мухтасарбаёнтар аст, қиссаш танҳо аз 58 саҳифа иборат («Марги судхӯр» –123 саҳифа).

Гобсек шахси таърихист. Соли 1740 дар Антверпен ба дунё омадааст, модараш яҳудизан, падараш – ҳуланд, ному фамилияи пуррааш – Жан Эстер-Гобсек.

Чӣ Гобсек ва чӣ Қорӣ Ишкамбаро ятимӣ, гуруснагиву муҳтоҷӣ маҷбур кардааст худро ба чаҳор сӯ зананд. Дар бачагӣ ба сарсониҳо дучор омада, дар байни авбошҳои кӯча калон шудаанд.

Дар сари Гобсек – кулоҳи кухна. Дар сари Қорӣ Ишкамба – саллаи фарсудаву чиркин. Ҳол он ки акнун нодор не, онҳо бо чӣ роҳҳое сарвати зиёд ғун кардаанд.

Ишкамбаро шарт нест эзоҳ диҳем. Маънои «Гобсек» бошад – «зинда фурӯбаранда».

Вале ин ду ҳарис ва судхӯр пули худро сарф намекунанд. Муфтхӯронанд.

Ё худ «на мехӯранд, на мехӯронанд». Фақат ҷамъ мекунанд.

### 7. Қорӣ Ишкамба прототип дошт ё надошт?

Чӣ тавре ки дар китобҳои дарсӣ навишта мешуданд, Устод Айнӣ хислатҳои нопоку нобоби якчанд инсонеро, ки дар охири асри нуздаҳу аввали бист дар Бухоро бо қаллобиву ҳарисӣ умр гузаронида ва ба мардуми одӣ ҷабр кардаанд, омӯхтаву умумӣ сохта, дар симои қаҳрамони марказии асар таҷассум намуда, образи Қорӣ Ишкамбаро типиконидааст.

Баъзе муҳаққиқони рӯз тахмин мекунанд Қорӣ Ишкамба шояд прототипи аниқ дошт – вай Қорӣ Зоҳид ном сарватманди Бухорост, ки дар «Ёддоштҳо» оиди ӯ маълумоти ҷолиб фаровонанд.

Назар ба нақли Айнӣ, дар ибтидои солҳои навадуми қарни нуздаҳ дар мадрасаи Кӯкалдош Қорӣ Зоҳид ном шахс аз ҷониби одамони номаълум кушта мешавад. Ин шахс соҳиби чандин ҳуҷра дар мадрасаи зикршуда буда, ба замми ин судхӯрӣ менамудааст. Дар шаҳр хонаву ҷой дошт, аммо дар мадраса ҳамчун муҷаррад зиндагӣ мекард. Ҳуҷраҳояшро ба муллобачаҳо ба иҷора месупурд, хусусан онҳоеро, ки бадавлаттар буданд, ба дом меафтонд, дар охир онҳоро қарздор карда, аз ҳуҷраҳо меронд. Баъде кушта шуд, қозикалон ворисi ӯро ҷустуҷӯ кард. Касе ворисии худро исбот карда натавонист ва молу мулки мақтул пурра ба ихтиёри аморат гузаронида, яъне «подшоҳӣ карда» шуд.

Устод Садриддин Айнӣ дар офаридани образи оригиналии Қорӣ Ишкамба хислатҳои характерноки чандин сарватмандони ба дарди ҳарисӣ мубталошударо ба як типи адабӣ ворид гардонду ҷамъулҷамъ сохт, ба хулосае омадаанд мутахассисон.

### 8. Хонадон

Ҳамсараш Салоҳат ном дошт (хоҳари ҷадиди номдор Вадуд Маҳмудӣ). Садриддин Айниву Салоҳат соли 1920 оила барпо намудаанд. Се фарзанд диданд: Духтари калонӣ – Холида. Айнӣ бахшида ба ӯ «Духтарбача ё ки Холида» ном асари дидактикӣ навишт.

Духтари дувум – Лутфия (1934–2015). Хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов (1955), санъатшинос, Ходими хидматнишондодаи санъати Тоҷикистон.

Писари ягонаи хонадон – Камол Айнӣ (1928–2010). Хатмкардаи факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград. Номзади фанҳои филологӣ. Узви Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон. Арӯси хонадон – Муқаддима Ашрафӣ (1936–2013), санъатшинос.

### 9. Нахустустоди Устод Айнӣ кӣ буд?

Кӣ буд аввалин устоди Устод Айнӣ? Падар ё модараш? Бибихалифа ё устоди дар мадраса таълимдодааш? Садри Зиё? Максим Горкий?

Садриддин Айнӣ аз нафароне, ки зикр шуданд, шояд бисёр чизҳоро омӯхт. Вале ҳамоне, ки Айнӣ чун аввалин устод эътироф сохт, каси дигар аст. Номаш – Тӯтапошшо. Тӯтапошшо кӣ буд?

Шояд онҳое, ки бори аввал ин номро шунидаанд, фикр кунанд соҳиби он як зани донишманду доро, ки кимхобу атлас пӯшида ва болои ҳафт қабат бистар менишинад.

Дар асл вай як кампири синнаш аз ҳаштод гузаштаи кӯзпушт, қашшоқ, бесавод, бекаси ба нигоҳубин муҳтоҷ...

Лекин дар нақли ривояту қиссаҳои халқӣ касе ба ӯ баробар шуда наметавонист. Вай ба ягон муносибат афсона ё мақолҳои мардумиро устокорона гуфта, дар ҳикоябофӣ ва ҳикоягӯӣ мумтоз буд.

Айнӣ дар «Ёддоштҳо» навишта, ки «вай, хусусан, дар баёни образноки афсонаи «Кали зирак ва бойи фиребгар» аз забони пурнафосат ва зиндаи мардумӣ истифода мебурд, нақл мекарду ману ҳамсолонам, бо вуҷуди хурдсолӣ, ба ҳаяҷон меомадем. Мутаассифона, таъбиру тавсифҳои ӯ, баъди сипарӣ шудани шаст сол, аз ёдам баромадаанд, бинобар ҳамин нақлҳояшро маҷбурам аз забони худам нависам, лекин то имкон будан барои сода ва оммафаҳм навиштан ҳаракат кардам. Ман он кампири аз ҳаштод гузаштаро дар ҳикоянависӣ устоди аввали худ меҳисобам ва ӯро ҳамеша бо ҳурмати тамом ба ёд меоварам».

**М. ШОДИЕВ.**

*МИНБАРИ ДОНИШҶӮ*

# ПАДАР УСТОДИ АХЛОҚӢ ВА МАЪНАВИИ МАН

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.*
***(РӮДАКӢ).***

Дар олами ҳастӣ ҳар кас барои худ қутбнамое дорад, дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ роҳи дурустро ба вай нишон медиҳад. Барои ман падарам чунин қутбнамо ва устоди бузурги маънавиест. Падар ба мо алифбои одамият ва ахлоқро омӯхт. Асирӣ фармудааст:

*Намак дар комҳо ширинтар аз шаҳду шакар гардад,*
*Ҷигарҳо хун шавад то як писар мисли падар гардад.*

Маънавияти инсон аз оила ва аз нигоҳи падар сарчашма мегирад. Падари ман барои ман намунаи зиндаи сабру таҳаммул ва мардӣ мебошад. Ҳар як сухани ӯ барои ман дарси ахлоқ аст. Вай ба ман омӯзонд, ки бузургтарин сарвати инсон на тиллову нуқра, балки виҷдони пок ва номи нек аст. Устоди маънавӣ будани падарам дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо амалу сухани худ, роҳи ростро нишон дод. Вақте мебинам, падарам ба калонсолон эҳтиром мегузорад ва дар сахтиҳо шикаста намешавад, ман дарси ҷавонмардӣ мегирам. Насиҳатҳои падарам мисли чароғест, ки зулмати нодониро дур карда, роҳи ояндаи маро равшан месозад. Дар ниҳоят метавон гуфт, ки доштани падар ин давлат аст, аммо доштани падаре, ки устоди маънавӣ бошад – саодати бузург. Ман фахр мекунам, ки аввалин дарси одамиятро аз мактаби падарам омӯхтаам. Дуо мекунам, ки сояи падар-устоди азиз ҳамеша дар болои сари ман бошад, зеро бе роҳнамоии ӯ пайдо кардани ҷойгоҳи муносиб дар ҷомеа душвор аст. Шоир гуфтааст:

*Номи зебои падар бо симу зар бояд навишт,*
*Сарпаноҳу қиблагоҳу болу пар бояд навишт.*
*Неъмати ному намак аз ҳиммати болои ӯст,*
*Бо хати зар номи ӯ бояд, ки дар дафтар навишт.*

**Матёқуб ХОЛМАТОВ,**
**донишҷӯйи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 2059. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.30



**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.



Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.